# ТАҚРИЗ

*ба автореферати диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович зери унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)*

Рушди босуръати технологияҳои инноватсионӣяке аз муҳимтарин омилҳои замони муосир аст, ки ба ҳама зинаҳои таҳсилот, дар саросари ҷаҳон таъсири бевоситаи худро гузошт. Бовуҷуди ин, яке аз восита ва роҳҳои омӯзиши илму маърифат ва дониш дартамомиҷаҳон ҳамоно хониши китоб боқӣ мемонад. Бо дарназардошти муҳиммияти ин навъи фаъолияти таълимӣ ва илмомӯзӣбо иқдомҳои роҳбарияти олии кишвар, озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" чанд соли охирроҳандозӣ мегардад. Ин иқдом аллакай натиҷаҳои назаррас дода, аҳли ҷомеаи кишварро новобаста ба синну сол ба хондани китоб ҷалб намуда истодааст.

Аз ҷониби унвонҷӯи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар як муддат ду масъала, таълими забони англисӣ ва ҷалби хонандагон ба хониш мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мавсуф таҳқиқоти илмиро дар се марҳила, аз соли 2020 то соли 2024анҷом додааст ва натиҷаи ҷамъбастии онро дар шакли диссертатсия омода намудааст.

Аз таҳлили автореферати диссертатсия бармеояд, ки кори баанҷомрасида аз се боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар кори илмӣ 9 ҷадвал, 6 диаграмма, 180 адабиёт ва сарчашмаҳо истифода шуда, ҳаҷми диссертатсия 202 саҳифа ва автореферати диссертатсия 77 саҳифаро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи кори илмӣ дар авротеферати диссертатсия хеле хуб, тибқи талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, тамоми бандҳои зарурироо дар бар мегирад. Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот хеле мушаххас ва фарзияи он дақиқ ва муайян мебошад. Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мутобиқат карда, он бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ робитаманд мебошад.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ» номгузорӣ шудааст

ва назарияи таҳқиқотро дар бар мегирад. Таваҷҷуҳ, ақида ва назари олимони соҳа нисбат ба масъалаи мавриди назар дар ин қисмати кори илмӣ матраҳ гаштааст.

Боби дуюми таҳқиқоти илмӣ таҳти унвони «Методҳо ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ» корҳои амалии таҳқиқотро дар бар гирифта, аз се зербоб иборат аст. Талаботҳо ҷиҳати интихоби матни хониши мустақилона барои синфҳои болоӣ, тарзи ташкили хониши мустақилона, системаи машқҳо барои ғанигардонии захираи луғавии хонандагон бо пешниҳоди мисолҳои мушаххас дар боби мазкур оварда шудааст.

Боби сеюми кор «Ташкили озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои он» натиҷаи ҷамъбастии таҳқиқт, озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаи онро дар ду зербоб инъикос менамояд. Дар ҷадвалу диаграммаҳо натиҷаи таҳқиқот ва озмоиши анҷомёфта тасвир ёфта, ҳар яки он тарҳ дода шудааст. Муқоисаи натиҷаҳо ва исботи самаранокии методҳо ва тарзи пешниҳодгаштаи унвонҷӯ барои ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ ва бо ин васила ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон дар ин қисмати кор нишон дода шудааст.

Хулосаи кор аз ду қисмат иборат буда, аввал натиҷаҳои асосии илмӣ ва баъдан, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқотро пешниҳод месозад.

Таҳияи як дастури таълимӣ, нашри 15 мақолаи илмӣ, аз ин шумора рӯйи чоп омадани 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодати он аст, ки Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович масъалаи таҳқиқро хеле хуб баррасӣ намуда, натиҷаҳои назаррасӣ илмиро ба даст овардааст.

Метавон гуфт, ки автореферати диссертатсия маълумоти зарурии таҳқиқотро мушаххас дар бар гирифта, талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи он ба пуррагӣ риоя шудааст. Омода гаштани автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, пешниҳод шудани интишороти унвонҷӯ, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шудани аннотатсияи таҳқиқоти илмӣ барои мутолиа ва таҳлилу баҳогузорӣ ба натиҷаи таҳқиқот мусоидат мекунад.

Дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ вуҷуд дошта,ислоҳи онҳо имконпазир мебошад.

Автореферат дорои баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мебошад (саҳ. 10, 13, 22).

Дар матни русии автореферат низ ғалатҳои услубӣ ба мушоҳида мерасад (саҳ. 35, 41, 44).

Номи боби дуюми кор метавонист каме кӯтоҳтар буда, муҳтавои ин қисматро дар бар гирад.

Тавре, ки дар боло зикр гардид, камбудию ғалатҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, ба сифат ва арзиши илмии автореферат ва диссертатсия таъсир намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович ҳамчун кори илмӣ ва таҳқиқотии ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, дар маҷмуъ, мақсаду вазифаҳои гузошташуда ба иҷро расониданд.

Автореферати диссертатсияи илмии Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович ба талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст, аз ҳамин лиҳоз муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

**Муқарриз,**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, кафедраи забонҳои хориҷии
Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ Байдуллоев Аъзамҷон Ибодуллоевич

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. С.Айнӣ 73
Тел.: +992 938896748

Имзои А.И. Байдуллоевро тасдиқ мекунам,
мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Наҷмуддинов Ш.М.

28.08.25

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. С.Айнӣ 73
Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
Тел.: +992 37 2260955
Сомона: http://koshd.tj
Суроғаи эл.: kolleji-omuzgori@mail.ru